Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-014
назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
(734003, шаҳри Душанбе, хиёбони
Рӯдакӣ 146, E-mail: mtti2009@mail.ru)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати Сабриддини Сафовуддин дар мавзӯи «Мукаммалгардонии механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди барқ дар деҳот (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти унвони номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси: 08.00.05. - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ)

Истифодаи оқилона ва фаъолияти пурсамари қувваи барқ дар деҳот ба вазъи комлекси агросаноатӣ пурра вобаста аст. Аммо, новобаста ба як қатор муътадилнокӣ дар комплекси агросаноатӣ, ҳолати бахши кишоварзӣ ҳамоно мураккаб боқӣ мемонад. Он ба якбора паст рафтани раванди истеҳсолот, пурзӯршавии мубодилоти беарзиш, робитаҳои ноустувори хоҷагидорию истеҳсолӣ, кам гардидани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ва ҳамчун натиҷа, шиддатёбии вазъи иҷтимоӣ маънидод мегардад.

Таҳлили вазъи ҳозира дар иқтисодиёти Тоҷикистон ва бахши энергетикии он, аз таъсири афзояндаи таҳдиди манфӣ ба бехатарӣ дар сатҳи иқтисодӣ ва бехатарии миллӣ шаҳодат медиҳад. Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи ҷомеаи башарӣ, тамоюли умумии инкишофи энергетикаи ҷаҳонӣ ва талаботеро, ки ба он асри XXI пешниҳод намудааст, набояд сарфи назар намояд. Вазифаҳои асосии энергетикаи оянда, ки ҷомеаи башарӣ тартиб додааст, ин устувории энергетика, истифодаи пурсамари захираҳои энергетикӣ, афзоиш додан ба гардиши хоҷагӣ ҷалбсозии захираҳои таҷдидшудаи энергетикӣ мебошад.

Ҳамин тавр, муҳиммияти мавзӯи барқтаъминкунӣ, аҳамияти он дар самти паст кардани таҳдидҳои бехатарии иқтисодӣ ва омӯзиши номукаммали соҳа, зарурати асосноккунии илмии механизми муносиби таъмини он дар шароити кунунӣ, интихоби мавзӯи таҳқиқотиро муайян намудаанд.

Ба муаллиф муяссар гардидааст, ки дар асоси истифодабарии ҳисоботи муносиб доир ба таҷдиди таҷҳизот барои сарфаи неруи барқ ва татбиқи технологияҳои инноватсионии ба сарфаи қувваи барқ нагиронидашуда ва техникаи аъзои кооператсияи истеъмолӣ дар заминаи субъ-

екти хоҷагидорӣ вуҷуддошта, ки имконияти паст намудани сарфаи захираҳои баркӣ барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бо раванди таҷдиди техникии аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснок мусоидат менамоянд, тавсияҳои амалӣ пешниҳод намояд.

Дар баробари дастовардҳо дар автореферат камбудиҳо низ мавҷуданд, ки миёни онҳо метавон ҳолатҳои зеринро ҷудо намуд:

Якум, ин ки хубтару беҳтар мебуд муаллиф дар автореферат таҷрибаи кишварҳои хориҷиро оиди истифодаи оқилонаи қувваи барқ дар деҳот мавриди омӯзиш қарор дода, истифодаи дастовардҳои пешқадами онҳоро дар деҳоти алоҳидаи Ҷумҳурии мо асоснок ва пешниҳод менамуд.

Дуюм, ин ки дар автореферат баъзе норасогиҳои хусусияти имлоию стилистикӣ дошта низ вомехӯранд.

Камбудӣ ва норасоиҳои зикршуда ба ягон шакку шубҳа қимати назариявӣ ва амалии диссертатсияро кам намекунанд ва онҳо хусусияти пешниҳодӣ доранд. Диссертатсия дар шакли пешниҳодгардида ба талаботи навиштани корҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, мавзӯи интихобнамуда илман ҳаллу фасл гардидааст.

Ҳамин тавр, автореферати Сабриддини Сафовуддин дар мавзӯи «Мукаммалгардонии механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди барқ дар деҳот (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти унвони номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси: 08.00.05. - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ) ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

Тақриздиҳанда,
Муовини ректор оид ба илм
ва робитаҳои байналмилалии
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон,
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент — Шаропов Ф.Р.

*Имзои д.и.и., дотсент Шаропов Ф.Р.-ро тасдиқ менамоям.*

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус — Пирзода С.С.